**ТДУ 633.16:632.157.5**

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ МИКРАМОЛИЯКУНОНӢ

***Мирсаидов М.Н. - н****.и.и, докторанти Академияи хоҷагии халқи Россия ва хадамоти давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, и.в.дотсенти ДДК ба номи А. Рӯдакӣ,* ***Бобохонова Д.-*** *унвонҷӯи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ*

***Калидвожаҳо:*** *микрамолиякунонӣ, хизматрасониҳои микрамолиякунонӣ, ташкилотҳои микрамолиякунонӣ, қарзидиҳии хурд, пасандозҳои хурд, суғуртаи хурд.*

Дар шароити имрӯза як аз масъалаҳои муҳими банақшагирӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ-бизнес ин дастраси ба захираҳои молиявӣ мебошад. Дастраси ба захираҳои молиявӣ дорои усулҳо ва шаклҳои гуногуни шартҳо мебошад, вале аз ҳама роҳи оддӣ ва барои соҳибкории хурд ва миёна тарзи муфид дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин микрамолиякунонӣ маҳсуб меёбад.

Дар таърихи пайдоиши истиллоҳи микромолиякунонӣ нақши профессори Америкоӣ Муҳаммад Юнус бориз баҳогузорӣ мегардад. Ӯ соли 1976 дар яке аз фақиртарин давлати ҷаҳон Бангладеш бонки махсуси қарздиҳии хурдро бо номи «Бонки деҳа (Grameen Bank)» асос гузошт, ки махсус ба шаҳрвандони камбизоат додани қарзҳои хурд бо фоизи паст, бе гарав ва замонат барои рушди бизнес пешбини карда буд. Дар оғози фаъолият тавонист 30 корхонаро созмон диҳад, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ имкониятҳои навро ба вуҷуд овард.

Чи тавре, ки Уксусова М. С. дар мақолаи худ бо номи «Микромо-лиякунонӣ: мундариҷа, хусусият, мушкилот ва дурнамои рушд» қайд мекунад. Хизмати профессори Америкоӣ, фарзанди кишвари Бангладеш дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳони соли 2006 пазируфта шуд. Муҳаммад Юнус ҷоизаи Нобелии ҷаҳониро барои саҳми мубориза бар зидди камбизоатӣ тавассути сохтани низоми қарздиҳии хурд ба даст овард [1, 50-51с.].

Сипас фаъолияти микромолиякунонӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, ҳамчун воситаи муассири дастгирӣ ва рушди хурди фаъолияти соҳибкорӣ-бизнес босуръат паҳнгардид.

Мафҳуми микромолиякунонӣ аз нигоҳи олимон ва мутахассисони соҳа бо чунин тарз маънидод мешавад.

Микрамолиякунонӣ ин ҷораёни пешниҳоди дастрасии мардуми нодор ба захираҳои молиявӣ бо мақсади ташкил ва рушди бизнесҳои хурд мебошад. Микрамолиякунонӣ ба сифати хизматрасонии молиявӣ, асосан ба гурӯҳҳои соҳибкорон нигаронидашудааст, ки бо гирифтани қарзҳои бонкӣ қисман маҳдуд ҳастанд ва ё умуман ба онҳо дастрасӣ надоранд. Табиати чунин маҳдудиятҳо аз сатҳи даромад ва вазъи амволи намояндагони ин гурӯҳҳо вобаста аст. [2, 8-9с.]

Ба ақидаи олимони рус Юрий В. К. ва Евгений А. М. микромолиякунонӣ ин маънои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии дар ҳаҷми хурд ба субъектҳои соҳибкории хурд ва гурӯҳҳои табақаи камдаромадро дорад. Ба он қарзҳо, амонатҳо, суғурта ва интиқоли пул, инчунин дигар хизматрасониҳои молиявӣ дохил мешаванд. [3, 101с.]

Чунонки сармутахассис шуъбаи саводнокии молиявии идоракунии иттилоот ва робитаҳои ҷамъиятии Бонки миллӣ Белорусия Александр И.Е. иброз медорад. Микрамолиякунонӣ ин як навъи фаъолияте, ки ба хизматрасонӣ вобаста аст, чун қоида ба субъектҳои оғозкунандаи соҳибкории хурд, иҷозати дастрасии озод ба соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои хурд ба сарчашмаҳои маблағгузорӣ мебошад.[4, 15с.]

Аз нуқтаи назари олимони ғарб микрамолиякунонӣ пешниҳоди як қатор имкониятҳои васеъ намудани бозор, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мусоидат ба тағйироти иҷтимоиро дарбар мегирад.[5, 3с.]

Бо дарназардошти фикру андешаҳои олимон ва мутахасисони соҳа метавон мафҳуми илмии микромолиякунониро ба ду ҷабнаи муҳими иқтисодӣ ҷудо намуд:

Якум, микрамолиякунонӣ ин шакли фаъолияти хизматрасонии молиявӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд, аҳолии қишри дорои имкониятҳои маҳдуд мебошад;

Дуюм, микрамолякунонӣ ҳамчун ба сифати дастгирии молиявӣ дар ҳаҷми хурд пешниҳоди имкониятҳои весеъ намудани бозор ва паст кардани сатҳи камбизоатиро мефаҳмонад.

Дар аввал пайдоиш ба сифати хизматрасонии микрамолиякунонӣ танҳо шакли қарздиҳии хурд роиҷ буд. Дар шароити имрӯза бошад, хизматрасониҳои микрамолиякунонӣ то рафт васеъ шуда истодааст. Аз рӯи пешниҳоди Зеленковская И.И микрамолиякунонӣ доираи васеъи хизматрасониҳоро дар бар мегирад:

- қарзидиҳии хурд - вақте миқдори ками пул дар шакли қарз ба муштарӣ аз ҷонибӣ бонк ё дигар ташкилот дода мешавад. Қарзҳои хурдро метавон бо гарав ё бе гарав, инфиродӣ ё қарздиҳии гурӯҳӣ пешниҳод намуд;
- пасандозкунии хурд – бе депазитгузорӣ ин ба касе имкон медиҳад, ки барои истифодаи оянда миқдори ками пулро сарфа кунад;
- суғуртакунии хурд - низомест, ки ба соҳибкорон имконият медиҳад, бештар ба рушди бизнеси худ тамаркуз бошанд, зеро хатарҳо кам мешаванд, таъсир ба моликият, саломатӣ ё ин ки қобилияти корӣ;
- Микролизинг - хизматрасониҳои лизингӣ ба корхонаҳои хурд ё соҳибкорони хурд барои таҷҳизоти гаронбаҳо, техникаи кишоварзӣ ё нақлиёт, ки онҳо бо арзиши пурра харида наметавонанд.[6, 107с.]

Технологияи хизматрасониҳои микромолиякунонӣ аз усули бонкҳои классискӣ бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекунад:

- кам кардани хароҷоти амалиётӣ;
- кам шудани вақти хидмат ба муштариён;
- чандирии талабот аз рӯи таъминоти қарз;

➢ афзоиши ҳаҷми қарзҳои додашуда дар асоси пешниҳоди тавозуни қарзгир ё мавҷудияти нақдии таъминот, инчунин бо гузашти замон дар сурати мавҷуд будани таърихи мусбати қарз.[7, 9с.]

Аз рӯи шаклҳои хизматрасонӣ ва технологияи хусусиятҳои фарқиятнокӣ метавон ташкилотҳои микрамолиякунониро ба чунин намудҳо ҷудо кард. Нигаред ба расми 1.




**Расми 1. -Намудҳои асосии ташкилотҳои микрамолиякунонӣ**

Фаъолияти ташкилотҳои микрамолиякунонӣ аз хусусиятҳои ташаккули низоми амалкунанда вобаста аст. Фаъолияти ташкилтҳо ва сохтори таркибии онҳо аз рӯи уҳдадориҳои умумӣ-ҳатмӣ ва уҳдадориҳои дохили ташкилотӣ амал мекунанд.

Ташкилотҳои микрамолиякунонӣ бо шакли хизматрасонии худ ба соҳибкорон хизматҳои бонкҳои тиҷоратиро пурра мекунанд ва ҳамин тариқ тамоми низоми молиявиро мустаҳкам месозанд. Шартҳои муқаррарнамудаи бонкҳои тиҷоратӣ аксар вақт барои соҳибкорон гарон (махсусан дар мавриди пардохти қарз) мебошанд. Ташкилотҳои микрамолиякунонӣ бо мавҷудияти доштани баъзе аз фоидабахшии худ ва хатари дараҷаи кам, ки барои амалиётҳои молиявӣ ҳаҷман калон нестанд ва ин барои бонкҳои тиҷоратӣ ҷолибият надорад, амал мекунад.

Рушди ташкилотҳо ва барномаҳои микрамолиякунонӣ барои ташаккули синфи миёна, фароҳам овардани шароит ҷиҳати рушди соҳибкоронӣ навфаъол ва афзоиши устувори корхонаҳои хурди мавҷуда муҳим мебошад. Зеро дар ин самт таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ аз рӯи омӯзиши адабиётҳо исбот месозад, ки микрамолиякунонӣ аҳолиро ба кушодани фаъолияти соҳибкории худ ҳавасманд мекунад, ки он на танҳо уҳдадории иҷтимоии буҷетро кам мекунад, балки даромадҳои андозиро аз ҳисоби бизнесҳои хусусӣ ва субъектҳои бозори молиявӣ зиёд месозад. Таъсири дигари низоми фаъолияти он ин паст гардидани сармояи иқтисодиёти ниҳонӣ ва ғаразнок дар бахши бизнес, мусоидат ба шаффофият ва ташаккули таърихи қарз дар байни субъектҳои соҳибкорӣ, ки шумораи онҳо меафзояд ва бо афзоиши шумораи соҳибкорон ҷалби маблағгузорӣ дар бозори саҳмияҳо ва қарзҳои дарозмуддат содда мегардад.

Рушди низоми микрамолиякунонӣ аз дуруст тарҳрезии инфрасохтори таркибии он вобастааст. Нигаред ба расми 2.

Бояд қайд намуд, ки инфрасохтори таркибии низоми микрамолиякунонӣ дар шакли маълумоти ҳамгирошуда ва унсурҳои алоҳидаи он дар доираи муҳит фаъолият ва рушд мекунанд, ки дар онҳо таъсири беруна вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ҳалли масъалаи ташкили инфрасохтори баландсифати бозории ташкилотҳои микрамолиякунонӣ, омӯхтани таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар ин самт, инчунин дарки хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ ва хусусиятҳои имконияти танзими бозори миллии молиявӣ муҳим аст.

Масъалаи микрамолиякунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди соҳиб-истиқлолӣ васеъ омӯхташуда, дар ин самт бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон нақшаю барномаҳои гуногун роҳандози шуда, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, инфрасохтори низоми микрамолиякунонӣ бунёд гашта истодааст. Махсусан дар ин замина таъсиси Ассотсиатсия ташкилотҳои микрамолиякунонии Тоҷикистон ва дастгирии молиявию техникии ташкилотҳои байналмилалӣ назаррас мебошанд.



**Расми 2. -Инфрасохтори таркибии низоми микрамолиякунонӣ**

Тибқи маълумотҳои Ассостсияатсияи ташкилотҳои микрамолиякунонии Тоҷикистон микрамолиякунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1996-2000 аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии Care International, Mercy Corps, ACTED, Фонди Оғохон, Фонди Сорос, АгроАксияи Олмон, Counterpart Consortium ва Барномаи Рушди СММ оғоз ёфтааст. Онҳо мустақиман ва тавассути созмонҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ кор мекарданд: Ассотсиатсияи занони коргари Тоҷикистон, Ташкилоти ҷамъиятии «Ситораи наҷот», Бюрои «Занон ва рушд», Ташкилоти ғайридавлатии «Меҳрангез», Фонди ҷамъиятии «Оила» ва ғайра. Хусусияти фаъолият чунин буд, ки қисми зиёди хароҷоти амалиётӣ аз ҳисоби маблағҳои донорҳо пӯшонида шудааст. Созмонҳои байналмилалӣ на танҳо барои маблағгузории сандуқи қарзӣ маблағ ҷудо карданд, балки дар муддати тӯлонӣ татбиқи барномаҳоро аз ҷиҳати молиявӣ ва техникӣ дастгирӣ карданд. [8, 5-6с.]

Айни замон муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ ва фаъолияти ташкилотҳои микрамолиякунониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикис-тон «Дар бораи Бонки Миллии Тоҷикистон» , Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблаггузории хурд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоққои қарзӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим медароранд.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои назариявии микрамолиякунонӣ нишон медиҳад, ки оид ба ташаккул ва рушди низоми микрамолиякунонӣ, ки тавонад дар рушди иқтисодиёт ва накуаҳволии мардум таъсири мусбат гузорад, ҳалли масъалаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- омӯзиши таҷрибаи пешқадами хориҷӣ дар самти микрамолиякунонӣ ва татбиқи амалии он бо дарназардошти вазъи муҳити дохилӣ;
- мутобиққунонӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории микрамолиякунонӣ вобаста ба шароити иқтисоди бозорӣ;
- ташаккули инфрасохтори таркибии низоми микрамолиякунонӣ;
- амалисозии технологияи муосир дар ҷараёни муносибатҳои микрамолиякунонӣ;
- баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ҷиҳати истифодаи самара-нокии фаъолияти ташкилотҳои микрамолиякунонӣ ва хизматрасонии онҳо;
- ташкили самаранокии ҳамгироиҳои соҳибкорон ва корхонаҳо дар шакли кластерикунонӣ;
- таҳлилу ояндабинии нишондиҳандаҳои микрамолиякунонӣ ва гузаро-нидани маниторингҳо ҷиҳати ташкили шаффофият;
- мусоидат дар ташкили рақобати комил ва муҳайё намудани шароити тарғибу ташвиқи фаъолияти ташклотҳо ва хизматрасониҳои микра-молиякунонӣ;
- дастгирии давлатии ғанигардонидани сандуқи сармоя ва суботи молиявии ташкилотҳои микрамолиякунонӣ ва ғайраҳо;

Хулоса ба як мақолаи таҳқиқотӣ наметавон ҳамаи масоили ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди микрамолиякунониро дар бар гирифт, вале бо гузашти вақт дар маводҳои оянда ҷузъиятҳои навро вобаста ба ин самт омӯзиш, баррасӣ ва пешкаш хоҳем кард.

## АДАБИЁТ


1. Уксусова М.С. Микрофинансирование: содержание, особенности, проблемы и перспективы развития/ Экономический журнал.- №3(51), 2018.- 50-51с.
2. Таджибаева Д.А.Финансовая доступность и микрофинансирование: учебное пособие / Д. А. Таджибаева, У. А. Бурханов, Н. У. Машарипова — Ташкент: Baktria press, 2018. -8-9с.
3. Юрий В. К. Микрофинансирование как новый инструмент на рынке финансовых услуг / Ю. В. Кох, Е. А. Малышев // Вестник ЧитГУ, 2012.- №8.(87) - 101 с.
4. Микрофинансирование. Газеты «7 дней», 4 января 2018.- № 1.- 15 с.
5. Beatriz Armendariz and Jonathan Morduch. The Economics of Microfinance. // Second Edition. The MIT Press Cambridge, Massachusetts London, England, 2010. – 3p.
6. Зеленковская И.И. Эволюционное развитие системы микрофинан-сирования. Фундаментальные прикладные исследования коопера-тивного сектора экономики, 2013.- №4.-107 с.
7. Волчок В.Д., Джуччи Р. Предложения по развития микрофинан-совых организаций в Белоруссии.–Минск: Исследовательский центр института приватизации и менеджмента, Немецкая экономическая группа в Белоруссии, 2004.- 9 с.

8. Ассоциация Микрофинансовых Организаций Таджикистана (АМФОТ). Страновой отчет по социальному воздействию в Республике Таджикистан, 2016 -5-6с.

9. Абрамова М.А. Формирование качественной инфраструктуры рынка микрофинансирования и кредитной кооперации: зарубежный и россиёский опыт: монография/ колл. Автороф – М.:РУСАЙНС, 2016.-228 с.

**АННОТАЦИЯ**

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ МИКРОФИНАНСИРОВАНИЯ**

В статье теоретические аспекты формирования и развития микрофинансирования изучена как реальное явление и имеющая научное значение. Собрав точки зрения учёных и специалистов о понятии и особенностях микрофнансирования, изучаются авторами. Также в статье приведены формы обслуживания, виды организаций, составляющая инфраструктура системы микрофинансирования и их деятельность в Республике Таджикистан, авторами предлагается пути формирования и развития микрофинансирования.

**Ключевые слова:** микрофинансирование, микрофинансовые услуги, микрофинансовые организации, микрокредитование, микросбережение, микрострахование.

**ANNOTATION**

**THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF MICROFINANCE**

The article discusses the theoretical aspects of the formation and development of microfinance as a real phenomenon and of scientific importance. Having gathered the points of view of scientists and specialists about the concept and features of microfinancing, they are studied by the authors. The article also presents the forms of services, types of organizations, the infrastructure component of the microfinance system and their activities in the Republic of Tajikistan, the authors suggest ways of forming and developing microfinancing.

***Keywords:*** *microfinance, microfinance services, microfinance organizations, microcredit, microsaving, microinsurance.*